# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи интихобнамудаи довталаб аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим, ҳассос ва дар айни замон нисбатан камомӯхташудаи илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ба шумор меравад. Ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ аз қабили он кирдорҳое мебошанд, ки на танҳо ба тартиботи муқарраргардидаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, обрӯ ва эътибор, дахлнопазирии шахсӣ, саломатии ҷисмонӣ ва равонӣ, инчунин ба арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат таҳқиқи механизмҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият дар шароити муосир на танҳо масъалаи назариявӣ, балки масъалаи дорои аҳамияти бевоситаи иҷтимоӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, бо тағйирёбии пайвастаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии шахсият, афзоиши талабот ба ҳифзи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла ноболиғон, занон ва шахсоне, ки бинобар ҳолати ҷисмонӣ ё равонӣ

имкони ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқҳои худро надоранд, алоқаманд мебошад. Дар баробари ин, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, тағйир ёфтани тасаввуроти иҷтимоӣ оид ба ҳифзи ҳаёти шахсӣ ва ҷинсии инсон, инчунин зарурати мутобиқ намудани меъёрҳои миллии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон аҳамияти мавзуи мазкурро боз ҳам бештар менамоянд.

Аҳамияти махсуси таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар амалияи тафтишӣ ва судӣ ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ як қатор мушкилоти назариявӣ ва амалӣ ба назар.мерасанд. Аз ҷумла, масъалаҳои муайян намудани объекти бевоситаи ин ҷиноятҳо, фарқгузории мафҳумҳои «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ», муайян кардани доираи зуроварӣ дар ҷиноятҳои ҷинсӣ, баҳодиҳии ҳолати оҷизии ҷабрдида, инчунин фарқ намудани таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ то ҳол баҳсталаб боқӣ мемонанд. Ҳалли дурусти ин масъалаҳо барои таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва пешгирии хатогиҳо дар бандубасти ҷиноятҳо аҳамияти муҳим дорад.

Дар диссертатсия дуруст таъкид мегардад, ки ҷиноятҳои ин гурӯҳ бо сатҳи баланди латентӣ тавсиф мешаванд. Дар бисёр ҳолатҳо ҷабрдидагон бо сабаби тарс аз маҳкумияти ҷамъиятӣ, доғгузории иҷтимоӣ, фишори равонӣ, вобастагии оилавӣ ё иҷтимоӣ ва нобоварӣ ба натиҷаи муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз хабар додани чунин кирдорҳо худдорӣ менамоянд. Ин ҳолат на танҳо ошкор ва бақайдгирии чунин ҷиноятҳоро душвор мегардонад, балки ба ҷамъоварии далелҳо, исботи ҳолатҳои воқеӣ ва таъмини ҷавобгарии шахсони гунаҳгор низ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамзамон, омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеа низ дар ин самт нақши назаррас доранд. Дар баъзе ҳолатҳо муносибати ҷомеа на ба шахси содиркунандаи ҷиноят, балки ба ҷабрдида, метавонад боиси хомӯш мондани чунин кирдорҳо гардад. Ин вазъият зарурати таҳияи равишҳои илман асоснокро ба миён меорад, ки на танҳо ба ҷазодиҳии шахсони гунаҳгор, балки

ба ҳифзи воқеии ҳуқуқу манфиатҳои ҷабрдидагон, пешгирии такрори чунин ҷиноятҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ равона карда шаванд.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодаи Рустамзода Садам Рустам ба масъалаҳое бахшида шудааст, ки барои рушди минбаъдаи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ аҳамияти назаррас доранд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои илмӣ ва муқарраророте, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсиро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври маҷмуӣ ва низомнок таҳлил намудааст. Дар таҳқиқот танҳо шарҳи меъёрҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятӣ анҷом дода нашуда, балки ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии ин масъала низ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Чунин равиш ба муаллиф имкон додааст, ки мавзуъро ҳамчун як самти мустақили таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баррасӣ намояд.

Аҳамияти илмии кор, пеш аз ҳама, дар фарқгузории мафҳумҳои «озодии ҷинсӣ» ва «дахлнопазирии ҷинсӣ» зоҳир мегардад. Муаллиф асоснок менамояд, ки озодии ҷинсӣ бештар бо имконияти шахс барои мустақилона муайян намудани рафтори худ дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ алоқаманд аст, дар ҳоле ки дахлнопазирии ҷинсӣ ба ҳифзи шахсоне равона мегардад, ки бинобар синну сол, ҳолати ҷисмонӣ, равонӣ ё дигар ҳолатҳои объективӣ имконияти ифодаи розигии огоҳона ва ихтиёриро надоранд. Ин мавқеъ барои муайян намудани объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти дурусти ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ аҳамияти назаррас дорад.

Ҷиҳати дигари навгонии таҳқиқ дар пешниҳоди таърифи муаллифии дахлнопазирии ҷинсӣ ифода меёбад. Инчунин, дар диссертатсия ҳолати оҷизии ҷабрдида, мазмуни розигии ихтиёрӣ, хусусиятҳои таҷовуз ба номус ва

масъалаҳои фарқгузории он аз ҳаракатҳои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф дар доираи нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда кӯшиш намудааст, ки ин масъалаҳоро на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки бо дарназардошти талаботи амалияи тафтишотӣ ва судӣ низ асоснок намояд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф пешниҳодҳои мушаххасро оид ба такмили баъзе муқаррароти моддаҳои 138 ва 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа намудааст. Пешниҳодҳои мазкур ба дақиқ намудани мазмуни меъёрҳои ҷиноятӣ, беҳтар намудани ҳифзи ҳуқуқии ҷабрдидагон ва таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ равона гардидаанд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои илмӣ ва муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои хусусияти мустақил, асоснок ва навоварона буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсият дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ истифода шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо истифодаи маҷмуи усулҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ-сохторӣ ва таҳлили ҳуқуқӣ-догматикӣ таъмин гардидааст. Муаллиф ҳангоми таҳлил ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавқеъҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои гуногун ва маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ такя кардааст.

Заминаи эмпирикии таҳқиқ, ки омӯзиши маълумоти оморӣ ва таҳлили зиёда аз сӣ парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсиро дар бар мегирад, ба хулосаҳои муаллиф хусусияти амалии бештар медиҳад. Истифодаи чунин мавод имкон додааст, ки пешниҳодҳо танҳо дар сатҳи назариявӣ боқӣ намонда, балки ба мушкилоти воқеии амалияи тафтишотӣ ва судӣ такя кунанд.

Хулосаҳои пешниҳодшуда асосан пайдарҳам буда, аз мазмуни бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бармеоянд. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла пурра намудани моддаҳои 138 ва 139 Кодекси ҷиноятӣ бо ибораи марбут ба набудани розигии озодона, бо равандҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятии хориҷӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон мувофиқат доранд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мутобиқ буда, аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии муаллиф иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 186 саҳифаро ташкил медиҳад. Чунин сохтор имкон медиҳад, ки масъалаи мавриди таҳқиқ аз ҷиҳати таърихӣ, назариявӣ, ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, муқоисавӣ ва амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ пайдарҳам баррасӣ карда шавад.

**Дар муқаддима** муаллиф мубрамияти мавзуи таҳқиқотро асоснок намуда, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври пайдарпай баён намудааст.

**Боби якуми диссертатсия** «Таърихи ташаккул ва таҳқиқи муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ: мафҳум, ҷанбаҳои таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» ном дошта, ба муайян намудани заминаҳои назариявӣ ва таърихии институти мазкур бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф ба таҳлили мафҳуми озодии ҷинсӣ, ҷойгоҳи он дар низоми ҷиноятҳои ҷинсӣ, таҳаввули қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва муқоисаи танзими ҳуқуқии ҷиноятҳои мазкур дар давлатҳои хориҷӣ рӯ овардааст.

Дар зербоби аввал масъалаи таносуби озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ба таври муфассал баррасӣ мешавад. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки

дар қонунгузорӣ ва амалияи судӣ таърифҳои дақиқ ва умумэътирофшудаи мафҳумҳои «озодии ҷинсӣ» ва дахлнопазирии ҷинсӣ» мавҷуд нестанд, ки ин аз набудани тафсири ҳуқуқии расмии онҳо шаҳодат медиҳад (саҳ.26).

Мавқеи пешниҳодшуда, ки тибқи он шахси дар ҳолати оҷизӣ қарордошта бояд на ҳамчун субъекти озодии ҷинсӣ, балки ҳамчун шахсе баррасӣ гардад, ки дахлнопазирии ҷинсии ӯ ҳифзи пурзӯрро талаб мекунад, аз ҷиҳати назариявӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Ба таври асоснок зикр мешавад, ки дар ҳолати оҷизии шахс мавҷудияти озодии ҷинсӣ умуман набояд ба эътибор гирифта шавад. Шахсе, ки бинобар сабабҳои муайян наметавонад озодии ҷинсии худро амалӣ намояд, аз лиҳози муносибатҳои шаҳвонӣ дахлнопазир ба ҳисоб меравад, зеро дар натиҷаи чунин шароит ӯ ҳуқуқ ба ҳифзи дахлнопазирии шахсии худро дар маҷмуъ, аз ҷумла ҷанбаи шаҳвонии онро дорад (саҳ.30).

Дар зербоби дуюм муаллиф давраҳои асосии рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ таҳлил кардааст. Таҳлили санадҳои ҳуқуқии давраи шуравӣ, аз ҷумла кодексҳои ҷиноятии солҳои 1922, 1935 ва 1961, инчунин Кодекси ҷиноятии амалкунандаи соли 1998 нишон медиҳад, ки танзими ҷавобгарӣ барои ин гурӯҳи ҷиноятҳо тадриҷан аз шакли умумӣ ба шакли муфассал ва низомнок гузаштааст. Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ҷиноятҳои ҷинсӣ ба таври институтсионалӣ ба низоми ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ворид карда шуда, бо ҳаҷми нисбатан маҳдуди танзими ҳуқуқӣ тавсиф меёфтанд. Ин кодекс ҷавобгариро танҳо барои панҷ шакли таҷовузи ғайриқонунии дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ муқаррар менамуд, ки қонунгузор ба онҳо инҳоро мансуб медонист: таҷовуз ба номус, занро маҷбур кардан ба алоқаи ҷинсӣ, алоқаи ҷинсӣ бо шахсе, ки ба синни муқаррарнамудаи қонун барои балоғати ҷинсӣ нарасидааст, содир намудани ҳаракатҳои бадахлоқона нисбат ба ноболиғон, инчунин бачабозӣ (саҳ.43).

Дар зербоби сеюм таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Беларус, Қирғизистон, Қазоқистон ва як қатор давлатҳои хориҷии дур таҳлил шудааст. Муаллиф ду модели асосии ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсиро ҷудо менамояд: модели зӯроварона, ки бештар барои давлатҳои пасошуравӣ хос аст, ва модели ризоиятӣ, ки дар ҳуқуқи як қатор давлатҳои Аврупои Ғарбӣ инкишоф ёфтааст.

Муаллиф ба таври асоснок хулосабарорӣ менамояд, ки дар даҳсолаҳои охир низоми ҷаҳонии адолати ҷиноятӣ дар самти танзими ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ ба тағйироти ҷиддӣ дучор гардидааст. Ин тағйирот ҳам ғояҳои гуманистиро инъикос менамоянд ва ҳам талошро барои ҳифзи самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон нишон медиҳанд.

Як қатор давлатҳо, бахусус кишварҳои Аврупо, дар ин соҳа таҷрибаи ғании ҳуқуқӣ ва амалии татбиқи қонунгузориро ҷамъоварӣ намудаанд. Омӯзиши қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунии онҳо метавонад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми такмили қонунгузории ҷиноятӣ муфид бошад (саҳ.61-62).

**Боби дуюм** «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба номус» ном дошта, ба таҳлили таркиби ҷинояти пешбининамудаи моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар зербоби аввал аломатҳои объективии таҷовуз ба номус, аз ҷумла объект, тарафи объективӣ, усулҳои содир намудани ҷиноят, истифодаи зӯроварӣ, таҳдид ва ҳолати оҷизонаи ҷабрдида баррасӣ шудаанд.

Муаллиф ба таври асоснок таъкид мекунад, ки дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии ин ҷиноят бо он шарҳ дода мешавад, ки он оқибатҳои вазнини манфиро ҳам барои ҷабрдида ва ҳам барои ҷомеа дар маҷмуъ ба бор меорад. Аз ҷумла, таҷовуз ба номус ба ҳолати равонӣ ва ҷисмонии ҷабрдида таъсири ниҳоят номусоид мерасонад, метавонад ба фаъолияти репродуктивии ӯ

таъсири манфӣ расонад, дар як қатор ҳолатҳо боиси вайрон гардидани муносибатҳои оилавӣ мегардад, инчунин ба паҳншавии рафтори ғайриахлоқӣ ва тамоюлҳои девиантии иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Содир намудани ин ҷиноят пояҳои ахлоқии ҷомеаро халалдор намуда, аз бераҳмии махсус, таназзули арзишҳои маънавӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба шахсият ва шаъну шарафи он шаҳодат медиҳад (саҳ.63).

Дар кори диссертатсионӣ масъалаи ҳолати нотавонии ҷабрдида, шаклҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва равонӣ, инчунин нақши розигии ҷабрдида дар бандубасти ҷиноят ба таври васеъ таҳлил гардидааст.

Аҳамияти махсуси ин боб дар он аст, ки муаллиф танҳо бо таҳлили анъанавии аломатҳои зӯроварӣ маҳдуд нашуда, масъалаи набудани розигии ихтиёриро ҳамчун меъёри муҳими баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба миён мегузорад. Ин равиш бо тамоюлҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ алоқаманд буда, метавонад барои такмили ояндаи моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина фароҳам оварад.

Дар зербоби дуюми боби мазкур тарафи субъективии таҷовуз ба номус таҳлил шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ҷинояти мазкур бо қасди бевосита содир мегардад ва шахси гунаҳгор набудани розигии ҷабрдида, истифодаи зӯроварӣ ё таҳдид, ё истифодаи ҳолати оҷизонаи ӯро дарк менамояд. Таҳлили мазкур барои фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар таркибҳои ҷиноятҳои ҷинсӣ ва барои бартараф намудани хатогиҳои эҳтимолӣ дар амалияи судӣ аҳамияти муҳим дорад.

Ба таври асоснок муаллиф баён медорад, ки қонунгузорӣ ҳадҳои дақиқи озодии ҷинсии ҷабрдидаро на то ва на баъд аз анҷоми алоқаи ҷинсӣ муайян накардааст. Ин маънои онро дорад, ки сатҳи озодии ӯ танҳо аз ҷониби худи ӯ муайян мегардад. Чунин холигӣ дар қонун метавонад ба ҷалби беасоси шахсони бегуноҳ ба ҷавобгарӣ, ки қурбонии айбдоркуниҳои бардурӯғ шудаанд, оварда расонад (саҳ.104).

**Боби сеюм** «Аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус ва фарқи он аз дигар ҷиноятҳои ҳамҷавор» ба таҳлили аломатҳое бахшида шудааст, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорро зиёд менамоянд. Дар зербоби аввал аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус, аз ҷумла содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон, расонидани зарар ба саломатӣ, содир намудани ҷиноят нисбат ба ноболиғ ва дигар ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Зикр карда мешавад, ки омӯзиши аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус дар қонунгузории ҷиноятӣ аҳамияти муҳим дорад, зеро маҳз ин аломатҳо ҳамчун яке аз шаклҳои фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ шуда, хусусияти сифатии кирдори ҳуқуқӣ-ҷиноятиро инъикос менамоянд (саҳ.110-111).

Дар қонунгузории ҷиноятӣ ду навъи ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки ҷавобгариро вазнин мекунанд. Қисме аз онҳо ҳангоми таъйини ҷазо аҳамият доранд, қисми дигар бошад ҳамчун аломатҳои таркиби мушаххаси ҷиноят баромад намуда, ба бандубасти кирдор таъсир мерасонанд. Тафовути назарраси дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор нисбат ба таркиби асосии ҷиноят асос барои сохтани таркиби вазнинкунандаи ҷиноят мегардад (саҳ.111).

Дар зербоби дуюм муаллиф аломатҳои махсусан вазнинкунандаи таҷовуз ба номусро таҳлил менамояд. Ба тавсифи бераҳмии махсус, истифодаи ҳолати осебпазирии ҷабрдида, хусусияти гурӯҳии ҷиноят ва оқибатҳои вазнин таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Қобили дастгирист, ки муаллиф ин аломатҳоро на танҳо аз нуқтаи назари матни қонун, балки бо дарназардошти аҳамияти онҳо барои фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъмини адолати ҷазо таҳлил менамояд. Аз ҷумла, муаллиф бо бераҳмии махсус содир шудани таҷовуз ба номусро таҳлил намуда нишон медиҳад, ки усули бераҳмона ё махсусан таҳқиромез дар он ҳолат ҷой дорад, ки содир намудани таҷовуз ба номус боиси таҳқири махсуси ҷабрдида гардида, ин таҳқир аз дараҷаи таҳқире, ки ба ҳар таҷовуз ба номус хос аст, ба таври назаррас болотар бошад. Чунин таҳқири

махсус метавонад ё аз рафтори худи гунаҳкор сар занад, ё аз дигар шароите барояд, ки кирдор дар он содир шудааст (саҳ.129).

Зербоби сеюм ба масъалаҳои фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ бахшида шудааст. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки меъёри асосии фарқгузорӣ дар ин ҷо аломатҳои тарафи объективӣ, хусусияти кирдори содиршуда, объекти таҷовуз, ҷинси ҷабрдида ва субъекти ҷиноят мебошад. Таҳлили фарқияти таҷовуз ба номус аз ҳаракатҳои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ ва маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳамияти калон дорад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқ.** Аҳамияти илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он ба рушди минбаъдаи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар масъалаи ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ мусоидат менамоянд. Дар кор мафҳумҳои муҳими соҳавӣ таҳлил гардида, роҳҳои дақиқтар намудани онҳо пешниҳод шудаанд. Ин натиҷаҳо метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, махсусан дар масъалаҳои ҷиноятҳо ба муқобили шахсият, бандубасти ҷиноятҳои ҷинсӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдидагон истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи тавзеҳоти судӣ, фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ, инчунин дар раванди таълими фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода гарданд. Бахусус, тавсияҳо оид ба ворид намудани унсури набудани розигии озодона ба тавсифи баъзе таркибҳои ҷиноятҳои ҷинсӣ барои баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқии ҷабрдидагон муҳим мебошанд.

Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқ дар таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани сатҳи эътимоди ҷомеа ба низоми адлияи ҷиноятӣ ва пешгирии беҷазо мондани кирдорҳои дорои хусусияти ҷинсӣ ифода меёбад. Татбиқи хулосаҳои илмии муаллиф метавонад ба ташаккули

муносибати бештар эҳтиёткорона ва инсонпарварона нисбат ба ҷабрдидагони ҷиноятҳои ҷинсӣ мусоидат намояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии диссертатсия дар 6 интишороти илмии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам аз ҷиҳати сохтор, тарзи баёни мавод, пайдарҳамии мантиқӣ, истифодабарии сарчашмаҳо ва инъикоси натиҷаҳои илмӣ ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос карда, дар он мубрамият, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои асосӣ ба таври возеҳ оварда шудаанд.

**Эродҳо ва пешниҳодҳо**

1. Дар диссертатсия муаллиф масъалаи гузариш аз модели анъанавии тавсифи таҷовуз ба номус, ки асосан ба истифодаи зӯроварӣ, таҳдиди истифодаи он ё ҳолати оҷизонаи ҷабрдида такя мекунад, ба модели ризоиятиро мавриди таҳлил қарор додааст (саҳ.60-61) . Ин масъала аз ҷиҳати назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳим буда, бо муайян намудани тарафи объективии ҷиноят, мазмуни розигии ихтиёрӣ ва ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятӣ робитаи бевосита дорад.

Бо вуҷуди ин, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф дар баробари таҳлили умумии ин модел, имконият ва ҳудуди ворид намудани онро ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххастар асоснок менамуд. Аз ҷумла, зарур буд муайян карда шавад, ки дар сурати ба диспозитсияи моддаҳои 138 ва 139 КҶ ҶТ ворид намудани аломати «набудани ризоияти озодона», ин аломат ҳамчун унсури ҳатмии тарафи объективии ҷиноят бо аломатҳои мавҷудаи зӯроварӣ, таҳдид ва ҳолати оҷизӣ чӣ гуна таносуб пайдо мекунад ва оё он боиси васеъшавии беасоси ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардад.

2. Дар диссертатсия масъалаи фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст (саҳ.152-165). Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, дар қисмати марбут ба бандубасти ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдорҳои дорои хусусияти ҷинсӣ масъалаи таносуби маҷмуи ҷиноятҳо ва кирдори ягонаи давомдор ба таври кофӣ равшан карда нашудааст.

Аз ҷумла, дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки нисбат ба як ҷабрдида дар як фосилаи вақт якчанд ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, ё ҳамзамон алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракатҳои зӯроваронаи шаҳвонӣ содир карда мешаванд. Дар чунин ҳолатҳо барои бандубасти дуруст муайян кардан зарур аст, ки кирдор бояд ҳамчун як ҷинояти ягона, ҳамчун ҷинояти давомдор ё ҳамчун маҷмуи ҷиноятҳо тибқи моддаҳои 138 ва 139 КҶ ҶТ арзёбӣ гардад.

Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф дар диссертатсия меъёрҳои фарқгузории ин ҳолатҳоро мушаххастар нишон медод, аз ҷумла вобаста ба ягонагии қасд, фосилаи вақт байни кирдорҳо, хусусияти ҳаракатҳои содиршуда, объекти бевоситаи таҷовуз ва таъсири онҳо ба бандубасти ниҳоии ҷиноят.

3. Муаллиф дар диссертатсия қайд менамояд, ки «ҳангоми бандубасти кирдор ҳамчун таҷовуз ба номус, унсури ҳалкунанда на ангеза, ки метавонад

гуногун бошад, балки мақсад мебошад, яъне қонеъ гардонидани хоҳиши ҷинсӣ бо роҳи зӯроварӣ бар хилофи иродаи ҷабрдида» (саҳ. 103).

Ба андешаи мо, чунин мавқеъ ниёз ба шарҳи иловагӣ дорад. Зеро дар таркиби ҷинояти таҷовуз ба номус, ки дар моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, на ангеза ва на мақсади содир намудани ҷиноят ҳамчун аломати ҳатмии таркиби ҷиноят мустақиман нишон дода нашудаанд.

Аз ин рӯ, мақсади қонеъ гардонидани хоҳиши ҷинсӣ, ҳарчанд аз ҷиҳати криминологӣ ва тавсифи равонии шахсияти гунаҳгор аҳамият дошта метавонад, набояд ҳамчун унсури ҳатмии бандубасти таҷовуз ба номус арзёбӣ гардад. Дар акси ҳол, чунин фаҳмиш метавонад боиси маҳдуд шудани доираи татбиқи моддаи 138 КҶ ҶТ гардад, зеро таҷовуз ба номус дар амал на ҳамеша танҳо бо мақсади қонеъ намудани хоҳиши ҷинсӣ содир мешавад; он метавонад бо ангезаҳои таҳқир, қасос, паст задани шаъну шараф, нишон додани бартарӣ ё дигар омилҳои шахсӣ низ алоқаманд бошад.

Бо вуҷуди эродҳои баёнгардида, онҳо бештар хусусияти баҳсӣ ва такмилдиҳанда дошта, мазмуну моҳияти илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Эродҳои мазкур ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ нарасонида, баръакс, аҳамияти илмӣ ва амалии мавзуъро боз ҳам равшантар нишон медиҳанд ва барои идомаи таҳқиқоти минбаъда дар ин самт заминаи муайян фароҳам меоранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии мустақилона, анҷомёфта ва дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Мавзуъ мубрам буда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ асосан иҷро гардидаанд, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф аз таҳлили анҷомдода бармеоянд ва барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳамияти воқеӣ доранд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Рустамзода Садам Рустам сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии
Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Оралбаев Х.Х.

**Суроғаи муқарриз:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Испечак-2, М-20, хонаи 4, ҳуҷраи 24. Телефон: (+992) 919643535
E-mail: femida-80@list.ru

Имзои Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

«04» 06 2026 с.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992 (37) 231-02-01; E-mail: tgfeu@tgfeu.tj